Бо фармоиши Раиси Раёсати
КВД БА ҶТ «Амонатбонк»
аз «25» 11 соли 2024
тасдиқ шудааст. № 331

# ТАРТИБ
## оид ба қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби Раиси Раёсат, муовинони ӯ ва кормандони роҳбарикунандаи филиалҳои Корхонаи воҳиди давлатии «Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»»

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Тартиби мазкур бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2017, таҳти №276, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" ҷиҳати қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби шахсони мансабдор таҳия ва тасдиқ гардида, қоидаҳои ба қабули Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк», муовинони ӯ ва кормандони роҳбарикунандаи филиал дар рӯзҳои корӣ ва ғайрикорӣ (рӯзи шанбе) ҳозир шудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва вориди бинои Бонк шудани онҳоро мукаррар менамояд.

1.2. Тартиби мазкур дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», дигар санадҳои меъёрии ҳуқукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии дохилибонкии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» таҳия ва тасдиқ гардидааст.

1.3. Ташкили кор ҷиҳати қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар дастгоҳи марказии Амонатбонк аз ҷониби Раиси Раёсати Амонатбонк, муовинони ӯ ва бо риояи муқаррароти тартиби мазкур аз ҷониби Идораи ҳуқуқ, Идораи кормандон, Департаменти бехатарӣ ва кор бо қарзҳои мушкилситон анҷом дода мешавад.

1.4. Ташкили кор ҷиҳати қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар филиалҳои Амонатбонк аз ҷониби мудири филиал, муовини ӯ, сармуҳосиб ва бо риояи муқаррароти тартиби мазкур аз ҷониби мутахассиси кор бо кормандон (агар чунин басти корӣ пешбинӣ гардида бошад) анҷом дода мешавад.

### 2. Тартиби қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

2.1. Қабули шахсии Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар рӯзҳои шанбе аз соати 9.00 то 12.00 ва барои қабули кормандони КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар рӯзҳои сешанбе аз соати 15.00 то 17.00 дар Дастгоҳи марказии КВД БА ҶТ «Амонатбонк», воқеъ шаҳри Душанбе, ноҳияи И.Сомонӣ, кӯчаи Рӯдакӣ 105 анҷом дода мешавад.

2.2. Дар сурати бинобар сабаби дар сафари хизматӣ, рухсатии

меҳнатӣ, беморӣ қарор доштани Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби яке аз муовинони Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» анҷом дода мешавад.

2.3. Қабули кормандони КВД БА ҶТ «Амонатбонк» аз ҷониби муовинони Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» бонавбат рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе аз соати 15.00 то 17.00 анҷом дода мешавад.

2.4. Қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби сардорон ё кормандони воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ҳамарӯза аз соати 8.00 то 17.00 ба истисноӣ рӯзҳои истироҳат вобаста ба муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом дода мешавад.

2.5. Иттилоот оид ба қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (намояндагони онҳо) дар маҳалли ҷойгиршавии Дастгоҳи марказии Бонк, дар рӯз ва соати муайянгардида, дар лавҳаи эълонҳо ҷадвали қабул дар ошёнаи якуми бино насб карда мешавад (Идораи корҳо). Инчунин, маълумоти мазкур дар сомонаи расмии Бонк ва воситаҳои дигари техникии дастраси шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҷойгир карда мешавад (Хадамоти матбуот ва реклама).

2.6. Қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ доир ба масъалаҳои вобаста ба фаъолияти бонкии КВД БА ҶТ «Амонатбонк», филиалҳои он, инчунин вобаста ба фаъолияти молиявию хоҷагидории Амонатбонк анҷом дода мешавад. Масъалаҳои берун аз фаъолияти бонкии Амонатбонк, фаъолияти молиявию хоҷагидории он дар рафти қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намегарданд.

2.7. Қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар бинои Бонк бо риояи тартиби воридшавӣ ба он ва манзур намудани ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият анҷом дода мешавад.

2.8. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қабули Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк», муовинони ӯ ҳозиршуда, дар даромадгоҳи бинои Бонк аз ҷониби шахси мутасаддӣ (корманди Идораи ҳуқуқ) дар дафтари махсус ба қайд гирифта мешаванд.

2.9. Бақайдгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қабули Раиси Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ва муовинони ӯ ҳозиршуда, аз ҷониби шахси барои қайдкунӣ мувазаф (корманди Идораи ҳуқуқ) ба таври зайл сурат мегирад:

- ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсияти муроҷиаткунанда талаб карда шуда, дар асоси он мутобиқати шахсият ба ҳуҷҷат санҷида мешавад (корманди Идораи ҳуқуқ);
- ҳуҷҷати ваколати намояндаи муроҷиаткунанда талаб карда мешавад;

*Эзоҳ: Бидуни ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият вуруди шахсон ба бинои Бонк ва қабули роҳбарияти Амонатбонк манъ аст.*

- мақсади ҳозир шудан ба қабули роҳбарияти Амонатбонк муайян карда шуда, дар ҳолати ба банди 2.6. тартиби мазкур мувофиқ будан дар дафтари махсус қайд карда мешавад;

- ному насаби шахси ҳозиршуда, маҳалли истиқомат, рақамҳои телефонӣ ва дигар маълумотҳои тасдиқкунандаи шахсияти ӯ дар дафтари махсус қайд карда мешавад;

- бо мақсади нигоҳ доштани маълумоти дорои сирри бонкӣ, тиҷоратӣ, давлатӣ ва бехатарии бинои Бонк, пеш аз қабул шудани муроҷиаткунанда телефони мобилӣ, ҷуздон, халта ва коғазхалтаи шахсон дар ошёнаи 1 бинои Бонк барои нигоҳдории муваққатӣ бо додани рақами мушаххаскунанда супорида мешавад (Департаменти бехатарӣ ва кор бо қарзҳои мушкилситон ё кормандони Хадамоти давлатии "Муҳофиза", ки дар Бонк фаъолияти хешро пеш мебаранд);

- ба шахси аз қайд гузашта, то макони қабули Раиси Раёсати Амонатбонк ё муовинони ӯ ҳамроҳӣ карда мешавад (Идораи ҳуқуқ).

2.10. Муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ ба Раиси Раёсати Амонатбонк ва муовинони ӯ анҷом меёбад, баррасии махсус ва ҳамаҷонибаро тақозо менамояд, бо тартиби умумӣ ва дар мухлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» баррасӣ карда мешавад.

2.11. Дар рӯз ва соатҳои қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби Раиси Раёсати Амонатбонк ва муовинони ӯ дар ҷойҳои корӣ ҳозир будани сардорони воҳидҳои таркибии сохторҳои дастгоҳи марказии Раёсати КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ё муовинони онҳо ҳатмист.

2.12. Роҳбарони Идораи ҳуқуқ, Идораи кормандон ва Департаменти бехатарӣ ва кор бо қарзҳои мушкилситон, ҷадвали навбатдории кормандони масъули воҳидии худро таҳия ва тасдиқ менамоянд.

## 3. Тартиби қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

3.1. Қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мудирони филилҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» дар рӯзҳои сешанбе аз соати 15.00 то 17.00 ва шанбе аз соати 9.00 то 12.00 анҷом дода мешавад.

3.2. Дар сурати бинобар сабаби дар сафари хизматӣ, рухсатии меҳнатӣ, беморӣ қарори доштани мудири филиали КВД БА ҶТ «Амонатбонк» қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муовин ё сармуҳосиби филиали КВД БА ҶТ «Амонатбонк» анҷом дода мешавад.

3.3. Қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби муовин ё сармуҳосиби филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» бонавбат рӯзҳои чоршанбе ва панҷшанбе аз соати 15.00 то 17.00 анҷом дода мешавад.

3.4. Қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби сардорони воҳидҳои сохтории филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ҳамарӯза аз соати 8.00 то 17.00 анҷом дода мешавад.

3.5. Қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби кормандони роҳбарикунандаи филиал, рӯз ва соатҳои қабул аз ҷониби онҳо, дар асоси фармоиши мудири филиал ба роҳ монда мешавад.

3.6. Дар филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ҷадвали рӯзҳои қабул дар ҷойи ба мардум дастрас насб карда мешавад.

3.7. Қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар филиалҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» доир ба масъалаҳои вобаста ба фаъолияти

филиалҳо, инчунин вобаста ба фаъолияти молиявию хоҷагидории филиал анҷом дода мешавад. Масъалаҳои берун аз фаъолияти филиали Амонатбонк, фаъолияти молиявию хоҷагидории он дар рафти қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ баррасӣ намегарданд.

3.8. Бақайдгирии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба қабули кормандони роҳбарикунанда ҳозиршуда аз ҷониби шахси барои қайдкуни муваззаф (шуъбаи кормандон) ба таври зайл сурат мегирад:

- ҳуҷҷати муайянкунандаи шахсият талаб карда шуда, дар асоси он мутобиқати шахсияти шахс ба ҳуҷҷат санҷида мешавад;

- ҳуҷҷати ваколати намояндаи муроҷиаткунанда талаб карда мешавад;

*Эзоҳ: Бидуни ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият вуруди шахс ба бинои филиал ва қабули корманди роҳбарикунандаи филиал манъ аст.*

- мақсади ҳозир шудан ба қабули корманди роҳбарикунандаи филиал муайян карда шуда, дар ҳолати ба банди 3.7. тартиби мазкур мувофиқ будан дар дафтари махсус қайд карда мешавад;

- ному насаби шахси ҳозиршуда, силсила ва рақами шиноснома ё дигар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсияти ӯ дар дафтари махсус қайд карда мешавад;

- ба шахси аз қайд гузашта рухсатнома ба расмият дароварда шуда, то макони қабули мудири филиал ё муовин ё сармуҳосиби ӯ ҳамроҳӣ карда мешавад (шуъбаи кормандон).

3.9. Муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ ба мудири филиал ё муовин ё сармуҳосиби ӯ анҷом ёфта, баррасии махсус ва ҳамаҷонибаро тақозо менамояд, бо тартиби умумӣ ва дар мухлатҳои муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» баррасӣ карда мешавад.

3.10. Дар рӯз ва соатҳои қабули шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби мудири филиал, муовин ё сармуҳосиби ӯ ҳозир будани сардорони воҳидҳои таркибии филиал ё муовинони онҳо ҳатмист.

## 4. Тартиби коргузорӣ бо муроҷиатҳои шифоҳии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

4.1. Дар сурате, ки ҳодиса ва ҳолатҳои дар муроҷиати шифоҳӣ иброзгардида аён бошанд ва санҷиши иловагиро талаб накунанд, посух ба муроҷиаткунандагон бо розигии онҳо зимни қабули шахсӣ мумкин аст ба тариқи шифоҳӣ дода шавад ва дар ин бора дар китоби қабули муроҷиаткунандагон қайд гузошта мешавад.

4.2. Агар муроҷиати шифоҳӣ дар рафти қабули шахсӣ бинобар зарурати санҷиши иловагӣ ҳалли худро наёбад, ҳуҷҷати алоҳида дар шакли варақаи қабули муроҷиаткунанда ба расмият дароварда шуда, дар он мухтавои муроҷиат қайд карда мешавад ва он ҳамчун муроҷиати хаттӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

4.3. Муроҷиатҳои хаттии зимни қабули шахсӣ супоридашуда, ба қайд гирифта шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи Қонун баррасӣ карда мешаванд.

4.4. Агар дар муроҷиат масъалаҳое гузошта шуда бошанд, ки ҳалли

онҳо ба салоҳияти Бонк дохил намешавад, ба мурочиаткунанда дар хусуси ба кадом мақомот муроҷиат намудан фаҳмонида мешавад.

4.5. Бо фармоиши Раиси Раёсат ё муовинони ӯ ва кормандони роҳбарикунадаи филиали Бонк қабули шахсии сайёр, инчунин номнавис намудани пешакиро барои чунин қабул ташкил кардан мумкин аст.

4.6. Дар сурати шахсан қабул кардани шахси воқеӣ ва намояндаи шахси ҳуқуқӣ, муроҷиатҳои хаттию шифоҳии онҳо низ бояд дар дафтарҳои дахлдор ё варақаҳои бақайдгирии назоратӣ ба таври марказонидашуда қайд карда шаванд.

4.7. Раиси Раёсат, муовинони ӯ ва кормандони роҳбарикунадаи филиали Бонк ҳуқуқ доранд, иҷроиши муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ба воҳидҳои сохтории дахлдор вобаста намоянд.

4.8. Воҳидҳои сохтории Бонк уҳдадоранд оид ба иҷроиши муроҷиатҳои ба онҳо вобастагардида то 15 рӯз ба Идораи ҳуқуқ маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд.

4.9. Ҳуҷҷатҳо оид ба қабули шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (намояндагони онҳо) мувофиқи феҳристи тасдиқшудаи воҳидҳои сохтории Бонк дар ҷузвдонҳои муроҷиатҳои шахсии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба тартиб нигоҳ дошта мешаванд.

## 5. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ

5.1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳуқуқ доранд:

- шахсан ё якҷоя бо дигарон ва (ё) тавассути намояндагони ваколатдори худ дар шакли шифоҳӣ ба қабули шахсии Раиси Раёсат ё муовинони ӯ ё кормандони роҳбарикунадаи филиали Бонк ҳозир шаванд;

- зимни қабули шахсӣ оид ба муҳтавои муроҷиати худ ба тариқи шифоҳӣ ё хаттӣ маълумот гиранд.

5.2. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадоранд:

- зимни муроҷиати шифоҳӣ ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсияти худро пешниҳод намоянд;

- намояндаи муроҷиаткунанда ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ваколаташро пешниҳод намояд;

- телефони мобилӣ, ҷуздон, халта ва коғазхалтаи худро ба намояндаи Бонк ё кормандони Хадамоти давлатии «Муҳофиза», ки дар Бонк фаъолияти хешро пеш мебаранд барои нигоҳдории муваққатӣ бо гирифтани рақами мушахаскунанда супоранд;

- бо кормандони Бонк ва шахсони барои қабул муттасадӣ муносибати боэҳтиромонаро ба роҳ монанд.

## 1. Муқаррароти хотимавӣ

1.1. Тартиби мазкур то давраи амали Қонуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» эътибори ҳуқуқӣ дорад.

1.2. Барои иҷро накардани талаботи тартиби мазкур тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои дахлдор андешида мешавад.